Бахри иҷрои банди 12 нақшаи миллӣ бобати таъмини мониторинги омории вазъи мубориза бо коррупсия лоиҳаи Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бо коррупсия таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти прокуратура 512 (557) парвандаи ҷиноятии коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта оид ба 537 (634) ҳолат оғоз ва тафтиш карда шуд, ки аз он оид ба азонихудкунӣ (моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) – 137 (174) қаллобӣ (моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) – 118 (143); сӯиистифода аз мансаб ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаҳои 314 - 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) – 32 (40); гирифтани пора (моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) – 27 (37); додани пора (моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) – 11 (16) ва боқимонда 187 (147) парвандаи ҷиноятӣ оид ба дигар ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта мебошанд.

Бо мақсади иҷрои банди 13 нақшаи миллӣ масъалаи мақсаднок будани таҳия ва қабул кардани қонуни алоҳида дар бораи табъиз накардан ва такмили қонунҳои алоҳида дар ин самт тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2018, №32/10-70 гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таъсис дода шуда, масъалаи мазкур мавриди омӯзиши гурӯҳи кории мазкур қарор дорад.

Доир ба иҷрои банди 14 нақшаи миллӣ оид ба масъалаи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», андешидани тадбирҳои зарурии сиёсию ташкилӣ ҷиҳати боз ҳам васеътар истифода гардидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби маъюбон ва тасдиқ намудани Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кумитаи роҳбарикунандаи “Мубаддалгардонии ҳуқуқи одамони имконияташон маҳдуд ба воқеъият” таъсис гардид.

Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи марти соли 2018 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба имзо расонида шуд ва оид ба омӯзиши масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияи мазкур дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ фаъолият дорад.

Бахри иҷрои банди 17 нақшаи миллӣ масъалаи коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ва занон дар нимсолаи якуми соли 2018 ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 75672 шаҳрванд муроҷиат намудааст, ки 53296 нафари онҳо ҳамчун корҷӯ ба қайд гирифта шуда, ба 33159 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тайи ин давра дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2018 - 2019

дар маҷмӯъ 32137 шаҳрванд бо ҷойҳои корӣ таъмин гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,7 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 413 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод бо иштироки 5092 корхонаю муассиса гузаронида шуд. Дар ярмаркаҳо ба корчуён 64224 ҷойи кори холӣ пешниҳод гардида, ба 4847 нафар роҳхат барои ҷойи кор дода шуд ва аз ин шумора 3545 нафар (73,1%) бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд.

Тавассути ярмаркаҳои чойҳои кории холй ва вазифаҳои озод 4426 шаҳрванд барои касбомӯзӣ ва 1340 нафар барои иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок роҳхат гирифтанд, 9311 нафар ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд, ки аз ин теъдод 1501 зан ва 1582 ҷавон мебошанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2018 аз ҷониби корхонаю ташкилот ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 9709 ҷойи кори холӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар нимсолаи якуми соли 2018 ба 2056 шаҳрванди бекор ба андозаи 6 млн 103, 5 ҳазор сомонӣ кумаки молиявӣ расонида шуд. Тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 861 шаҳрванди бекор дар ҳаҷми 2 млн 923, 6 ҳазор сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 660 нафар ба андозаи 2 млн 63 ҳазор сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ ба 535 нафар ба маблағи 1 млн 116, 9 ҳазор сомонӣ кумаки молиявӣ дода шуд.

Квотакунонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа ба шумор рафта, тибқи барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар нимсолаи якуми соли 2018 2363 шаҳрванди ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин 72,1 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,0 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи бокортаъминшудагон тавассути ҷойҳои кории бандшуда (квота) 1040 нафарро (44,0%) занон ташкил медиҳанд.

Таҳлили раванди бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои кории бандшуда нишон медиҳад, ки дар чунин ҷойҳои корӣ 103 маъюб, 42 ятими ноболиғ, 331 шахси аз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсатшуда, 172 шахси аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва муассисаҳои табобати маҷбурӣ озодшуда, 373 падару модари яккаву танҳо ва инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдаки ноболиғ ва маъюб доранд, 564 падару модаре, ки зиёда аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд, 24 шахси то синни 18 - сола, ки бо сабаби вафоти волидайн ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба уҳда доранд, 112 шаҳрванде, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст, 642 шаҳрванди то синни 18 - сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд, мебошанд.

Ҷиҳати иҷрои банди 19 нақшаи миллӣ оид ба тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани музди меҳнати кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 6 июни соли 2016, №697 қабул шуд. Тибқи фармони мазкур ҳадди ақали музди меҳнат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз 1 сентябри соли 2016 ба андозаи 60 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он ба 400 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуд. Дар давоми даҳ соли охир бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақали музди меҳнат аз 60 сомонӣ то ба 400 сомонӣ ё ин ки 6,7 маротиба афзудааст.

Бобати иҷрои банди 20 нақшаи миллӣ доир ба ташкили курсҳои омӯзишӣ ва барномаҳои таълимӣ ҷиҳати интихоб кардани касбҳои ғайрианъанавӣ ва пешравӣ дар фаъолияти касбӣ лоиҳаи Бонки Рушди Осиё “Тақвияти таҳсилоти касбӣ – техникӣ ва омӯзиш” аз рӯи 4 самт: такмили методология, беҳтар намудани шароити таълим дар муассисаҳои интихобӣ, дастрасии баробар ба барномаҳои таълимӣ ва тақвияти роҳбарӣ ва идоракунӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш амалӣ шуда истодааст.

Лоиҳаи мазкур масъалаҳои нобаробарии гендерӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзиш, маҳдудияти дастрасии духтарон ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзиш, ҷудокунӣ дар интихоби ихтисосҳоеро, ки занона ҳисобида мешаванд, ҳаллу фасл намуда, фарогири масълаҳои ҳавасмандкунӣ ва ҷалби духтарон ба омӯзиши касбҳои ғайрианъанавӣ мебошад.

Доир ба иҷрои банди 22 нақшаи миллӣ масъалаи ба роҳ мондани механизми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳимояи муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи самараноки қувваҳои корӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва таъмини диверсификатсия (гуногунсамтӣ)-и муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа бо як қатор давлатҳои хориҷӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расид.

Аз ҷумла дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон моҳи марти соли 2018 ва дар асоси супориш аз ҷаласаи 14 Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қазоқистон доир ба ҳамкориҳои иқтисодӣ моҳи феврали соли 2018 бо мақсади тақвияти ҳамкориҳо дар танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон созишномаҳои байниҳукуматӣ дар бораи реадмиссия ва протоколи иҷрои он, дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират ба имзо расиданд.

Инчунин моҳи апрели соли 2018 лоиҳаи ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Амороти Муттаҳидаи Араб дар самти қувваи кории таҳия ва моҳи марти соли 2018 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуд. Тибқи ёддошти тафоҳуми мазкур масъалаҳои ҷалби қувваи кории аз Тоҷикистон ба Амороти Муттаҳидаи Араб танзим шуда, шарту шароити меҳнатии шаҳрвандони мо дар Амороти Муттаҳидаи Араб тавассути шартномаи меҳнатии инфироди̅ байни коргар ва корфармо муайян карда мешавад.

5 лоиҳаи созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкори̅ дар соҳаи муҳоҷират, дар бораи ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баамалбарории фаъолияти муваққатии меҳнати̅ дар ҳудуди Федератсияи Россия, оид ба реадмисия, дар бораи мақоми ҳуқуқии намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳоли̅ оид ба муҳоҷират дар Федератсияи Россия ва намояндагии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи ҳамкори̅ дар соҳаи таъминоти нафақа корҳо тақвият дода шуда, лоиҳаҳои мазкур дар баррасии тарафҳо қарор доранд.

Дафтари марказии намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳоли̅ дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират дар шаҳри Москва қарор дошта, дар 6 ҳавзаи федерали̅, аз ҷумла дар шаҳрҳои Санкт - Петербург, Хабаровск, Екатеринбург, Новосибирск, Краснодар ва Қазон кормандони сафарбаршуда фаъолият доранд.

Дар нимсолаи аввали соли 2018 19 млн 75 ҳазор рубли руси̅ музди меҳнати пардохтнашудаи муҳоҷирони меҳнати̅ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи корфармоён баргардонида шуд. Бо мусоидати намояндаги̅ 16 қарори судҳои ноҳияви̅ бо қарори судҳои болои̅ дар соли 2016 бекор гардида, 6389 шаҳрванди ҷумҳури̅ бо ҷойи кори доими̅ дар Федератсияи Россия таъмин карда шуданд.

Айни замон лоиҳаи созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тибқи тартиби муқаррааргардида ба ҷониби Федератсияи Россия ирсол шуд. Дар лоиҳаи созишномаи мазкур масъалаи озод намудани шаҳрвандони тарафҳо аз уҳдадории ба қайд гузоштан (бақайдгири̅ дар маҳали истиқомат) дар мақомоти салоҳиятдори тарафҳо ба муддати 30 рӯзи тақвими̅ аз рӯзи вуруд ва муҳлати умумии будубоши шаҳрвандони тарафҳо ба муҳлати 180 рӯз аз лаҳзаи убури сарҳади давлатии кишвари будубош пешбини̅ гардидааст.

Оид ба иҷрои банди 23 нақшаи милли̅ ҷиҳати дастгирии иҷтимои̅ ва мутобиқсозии муҳоҷирони меҳнатии бозгашта ба ватан ба бозори меҳнати дохили кишвар дар нимсолаи якуми соли 2018 ба мақомоти меҳнат ва шуғли аҳоли̅ дар маҷмӯъ 1068 муҳоҷир муроҷиат намудааст, ки аз ин теъдод 1009 мард ва 59 зан мебошад.

Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо 169 нафари онҳо бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин гардида, 204 нафар ба тайёрии касбӣ, 65 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар, ба 38 нафар қарзи имтиёзнок барои соҳибкории инфиродӣ дода шуда, 569 нафар машварати касбӣ гирифтанд.

Бобати иҷрои банди 24 нақшаи миллӣ масъалаи пешгирӣ намудани истифодаи меҳнати кӯдакон дар 6 моҳи соли 2018 2 ҷаласаи шӯрои байниидоравӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон баргузор гардид.

Ҷиҳати омӯзиши ташкили ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаву ташкилотҳо, ки дар салоҳияташон кори бевосита бо кӯдакон мансуб аст, дар 5 шаҳру ноҳияи пилотӣ – Душанбе, Исфара, Кӯлоб, Хоруғ ва Бобоҷон Ғафуров системаи мониторинги меҳнати кӯдак роҳандозӣ гардид.

Моҳи майи соли 2017 Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат созишномаи ҳамкорӣ дар самти мониторинги меҳнати кӯдакон «Вусъатдиҳӣ ва мустаҳкамкунии механизми системаи мониторинги меҳнати кӯдакон»-ро ба имзо расонид, ки мутобиқи он дар 7 ноҳияи пилотӣ таъсис додани кумитаҳои мониторинги меҳнати кӯдакон дар назар аст ва дар асоси созишномаи мазкур дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Рӯдакӣ, Данғара, Восеъ, Айнӣ, Шуғнон ва Рошткалъа фаъолияти бахши мониторинги меҳнати кӯдак васеъ карда шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2018 аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 10 санҷиш вобаста ба вазъи истифодаи ғайриқонунии меҳнати шаҳрвандон (шуғли ғайрирасмӣ) ва кӯдакон (ноболиғон) дар ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Ҳисор, Бохтар, Левакант, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ, Шоҳмансур, Сино, Конибодом, Ашт, Мастчоҳ, Нуробод ва Рӯшон дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор гузаронида шуд.

Дар натиҷа 203 қонунвайронкунӣ (дар ҳамин давраи соли гузашта – 136 қонунвайронкунӣ) мушоҳида карда шуд, ки ба шуғли ғайрирасмии шаҳрвандон ва кӯдакон (ноболиғон), аз ҷумла набастани шартномаҳои меҳнатӣ байни корфармо ва кормандон, муайян накардани вақти корӣ ва вақти дамгирии кормандон, тартиб надодани ҷадвалҳои рухсатии меҳнатии кормандон, аз муоинаи тиббӣ нагузаштани кормандон, дорои маълумоти дахлдор набудани кормандон ва ғайра рост меоянд.

Ҳамчунин дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳо 269 ҳолати ғайрирасмӣ фаъолият намудани шаҳрвандон муайян гардид, ки шумораи кормандони ғайрирасмӣ фаъолиятдоштаи ошкоршуда дар маҷмӯъ 269 нафарро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати иҷрои банди 28 нақшаи миллӣ доир ба масъалаи таҷдиди низоми таъминоти оби шаҳру ноҳияҳо барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ амалӣ шуда истодааст. Тибқи он ҷиҳати беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар се

моҳи соли 2018 дар шаҳру маркази ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 16 млн 778,0 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст, ки ин 118,0 фоизи маблағҳои талаботиро ташкил медиҳад.

Оид ба иҷрои банди 33 нақшаи миллӣ Агентии назорати маводи нашъаовар дар ҳамбастагӣ бо Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар нақшаи чорабиниҳои муштарак оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба имзо расонида, ҷиҳати амалӣ намудани онҳо тадбирҳои зарурӣ андешид.

Аз ҷумла дар давраи сипаригардида дар ҳамкорӣ бо Хадамоти гумрук 1 амалиёти муштарак ва бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 8 амалиёти муштарак гузаронида шуда, дар маҷмӯъ аз муомилоти ғайриқонунӣ 283 кг 819 гр маводи нашъаовар мусодира карда шуд.

Дар нимсолаи аввали соли 2018 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар аз муомилоти ғайриқонунӣ 2 т 735 кг 929 гр маводи нашъаовар мусодира карда шудааст.

Дар ин давра аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовар 110 ҷинояти вобаста ба маводи нашъаовар ошкор ва ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба соли гузашта 26 ҳолат ё 31 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар 205 (дар ҳамин давраи соли 2017-113) ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор ва 228 (дар ҳамин давраи соли 2017-151) нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, аз онҳо ба маблағи 150 ҳазору 240 сомонӣ (дар ҳамин давраи соли 2017–159 ҳазору 110 сомонӣ) ҷарима ситонида шуд, ки назар ба соли гузашта шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида 92 ҳолат ё 81,4 фоиз зиёд гардидааст.

Аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовар дар шаш моҳи соли 2018 аз муомилоти ғайриқонунӣ 628 кг (дар ҳамин давраи соли 2017 – 370 кг) маводи нашъаовар, аз он ҷумла 5 кг 209 гр героин, 309 кг афюн, 91 кг ҳашиш ва 224 кг бангдона мусодира карда шуд, ки дар маҷмӯъ нисбат ба соли гузашта 257 кг 802 гр ё 69,6 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин дар ин давра 114 ҳабби синтетикӣ ва 16 кг 248 гр (дар ҳамин давраи соли 2017–65 кг) дигар намудҳои моддаҳои нашъаовар (прекурсорҳо) мусодира карда шуд.

Аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовар фаъолияти 28 (дар ҳамин давраи соли 2017-22) гурӯҳи ҷинояткор дар ҳайати 52 нафар ошкор гардид, ки 7-тои онҳо гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпешаи фаромиллӣ мебошанд.

Дар ин давра 61 (дар ҳамин давраи соли 2017-58) парвандаи ҷиноятӣ нисбати 93 (дар ҳамин давраи соли 2017-92) нафар бо фикри айбдоркунӣ ба судҳо фиристода шуданд.

Ҳамчунин дар ин давра Агентии назорати маводи нашъаовар маблағи 1 778 585 сомонӣ (дар ҳамин давраи соли 2017-517 ҳазору 402 сомонӣ) ҳабс гузошт, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 1 261 183 сомонӣ зиёд мебошад.

Барои табобат ва офиятбахшии шахсони нашъаманд дар нимсолаи якуми соли 2018 дар муассисаҳои наркологии ҷумҳурӣ бори аввал 118 нафар бо ташхиси нашъамандӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз ҳисоби умумии бақайдгирифташудагон 1,7%-ро ташкил мекунанд.

Аз рӯи намуди истеъмоли маводи мухаддир шумораи истеъмолкунандагони героин чун солҳои пешин аз ҳама зиёд мушоҳида гардида, 5440 нафар ё 79,0%-ро ташкил медиҳад. Истеъмолкунандагони воситаҳои нашъадори афюн – 831 (12%), гурӯҳи бангдона – 322 (4,7%), намудҳои гуногуни маводи мухаддир (бисёрнашъамандӣ) – 294 нафар (4,34%)-ро ташкил медиҳад.

Мутобиқи омори расмии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шумораи умумии нафарони гирифтори бемории нашъамандӣ, ки дар қайди диспансерӣ қарор доранд, дар нимсолаи якуми соли 2018 дар ҷумҳурӣ 6888 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 214 нафар ё 3,1% коҳиш ёфта, ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ 76,5 нашъаманд рост меояд. Ин нишондод дар нимсолаи якуми соли 2017 – 7102 нафар ва 84 нашъамандро ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ ташкил медод.

Аз шумораи умумии беморони дарқайдбуда 1108 нафар ё 16,1% ба вилояти Суғд, 1269 нафар ё 18,4% ба вилояти Хатлон, 714 нафар ё 10,4 % ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 1194 нафар ё 17,3% ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 2603 нафар ё 37,8% ба шаҳри Душанбе рост меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми зиёди беморони нашъаманд дар шаҳрҳои калони кишвари мо ба назар мерасанд. Масалан, дар шаҳри Душанбе 2603 нафар ё 37,8% аз миқдори умумии нашъамандон ташкил дода, ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ 211 нафар рост меояд.

Аз ҳама вазъи ташвишовар дар шаҳри Хоруғ ҷой дорад, ки дар он 326 нафар дар қайди наркологӣ ҳастанд ё ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ 1015 нафар рост меояд.

Ҳангоме, ки дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон нишондодҳои баланди беморшавӣ ва паҳншавии нашъамандӣ дар байни занҳо мушоҳида мешавад, дар кишвари мо ин падида мутаносибан паст мебошад. Ҳиссаи бақайдгирифташудагони мубталои нашъамандӣ аз ҳисоби занҳо аз шумораи умумӣ 162 нафар ё 2,4%-ро дар бар мегирад. Ҳиссаи мардҳо бошад 6726 нафар ё 97,6%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, бидуни тамоюли умумиҷаҳонии “ҷавоншавии” нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори синусолии вобастагии нашъамандӣ хусусияти хоси худро дорад. Ҳиссаи шахсони синни 18-34-сола назар ба синну соли 35-59-сола коҳиш ёфта, мутаносибан 1484 нафар ва 5325 нафарро ташкил медиҳад. Шахсони аз 60-сола боло 79 нафарро ташкил дод.

Баҳри иҷрои банди 34 нақшаи миллӣ барои фарогирии кӯдакони имконияти маҳдуди ҷисмонӣ дошта ҳамасола аз тарафи Вазорати маориф ва илм ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ корҳои зиёди ташвиқотию фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 6584 (2611 духтар) нафар, ки ин нисбат ба

соли хониши 2011-2012 1,5 ҳазор ва нисбат ба солҳои пешин 3 маротиба зиёд ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро гирифта шудаанд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 296 фарзанди гурезаҳои афғон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Инчунин фарзандони ақаллиятҳои миллӣ, ки дар Тоҷикистон зиндагонӣ менамоянд (қирғизҳо, туркменҳо, ӯзбекҳо), бо забони модарии худ дар муассисаҳои таълимӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, барои онҳо тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

Солҳои 2014-2015 бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон барои гирифтани таҳсил дар маҳаллаҳои дурдасти ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимӣ тағйир дода шуда, тибқи маълумот 144 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 47 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ба умумии асосӣ ва 97 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ табдил дода шудааст.

Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 3870 муассисаи рӯзона, аз ҷумла 352 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 489 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва 3029 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият менамояд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки теъдоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ 12 адад ва умумии асосӣ 33 адад кам гардида, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 50 адад зиёд гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 35 нақшаи миллӣ дар соли 2018 панҷ мушовараҳои сайёри Вазорати маориф ва илм дар шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар, Хуҷанд, Ваҳдат ва ноҳияи Рашт баргузор гардида, рафти таълиму тарбия, сифати таҳсилот, иштирок ба дарс, таъмин бо кадрҳои омӯзгорӣ, таъмин бо китобҳои дарсӣ, корҳои тарбиявӣ, иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои марбут ба сифати таҳсилот санҷида, муҳокима ва баррасӣ карда шуд.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2017, №34 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 ва вазифаҳо барои соли 2018» лоиҳаи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии хусусӣ барои солҳои 2018-2023 таҳия гардид, ки афзалият ва самтҳои асосии дастгирӣ ва рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷумҳурӣ 66 (12 ғайридавлатӣ) ададро ташкил дода, бо назар доштани талаботи ҷомеа ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳар сол сафи онҳо аз ҳисоби бахши хусусӣ ва давлатӣ афзуда истодааст. Дар давоми чанд соли охир фаъолияти густурдаи муассисаҳои таълимии мазкур дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ба чашм расида, афзудани онҳо аз ҳисоби бахши хусусӣ ва ворид шудани дархостҳо нисбати кушодани муассисаҳои таълимии хусусӣ дар шаҳру ноҳияҳои гуногун метавонад қаноаткунанда бошад.

Амалӣ намудани низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба талаботи минимуми ҳатмии Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фанҳои гуманитарӣ,

иқтисодию иҷтимоӣ ва табиию риёзӣ (фанҳои блоки 1 ва 2 нақшаҳои таълимӣ) тағйиру иловаҳо бо нишон додани ҳаҷми кредит бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ гардид.

Дар робита бо қабули ҳуҷҷати мазкур стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таснифоти самту ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №418 тасдиқ гардидааст, ки дар он сарбории таълимии донишҷӯён дар тамоми шаклҳои таълимӣ муайян шудааст.

Бо мақсади иҷрои банди 36 нақшаи миллӣ масъалаи таъмини кӯдакони имконияташон маҳдуд бо китобҳои дарсӣ то имрӯз барои хонандагони мактабҳои кӯдакони ношунаво ва гунг китобҳои дарсии «Алифбо барои мактабҳои кӯдакони шунавоиашон суст», «Алифбо барои синфҳои тайёрии мактабҳои кӯдакони ношунаво», «Китоби хониш барои синфи 1-уми мактабҳои кӯдакони ношунаво», «Талаффуз» барои хонандагони синфҳои 1–2-юми мактабҳои кӯдакони ношунаво ва «Инкишофи нутқ барои кӯдакони ношунаво» синфи 2, «Барномаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб-интернатҳои махсус» ба нашр расидааст.

Айни замон бо ҳуруфоти брайлӣ китобҳои дарсии «Забони модарӣ» барои синфи 1, «Забони модарӣ» барои синфи 2 (иборат аз чор китоб), «Математика» барои синфҳои 1 ва 2 ва «Русская речь» барои синфи 2, «Букварь» барои хонандагони синфи 2 нашр шудаанд.

Бори аввал барои кӯдакони кар ва дершунаво қисми аввали китоби дарсии «Забони имову ишора (Язык жеста)» бо забони тоҷикӣ омода ва ба мактаб-интернатҳои махсус дастрас карда шуд. Дар назар аст, ки то анҷоми соли таҳсил қисми дуюми китоби мазкур барои чоп омода гардад.

Аз аввали соли 2013 то инҷониб 7 барномаи таълимӣ, 6 дастур, 4 китоби дарсӣ ба чоп омода гардидааст.

Бо дастгирии намояндагии Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид дар Тоҷикистон оид ба кӯдакони нуқсони ҷисмонидошта дар якҷоягӣ бо шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар 20 муассисаи таълимӣ аз тарафи Ассотсиатсияи кумак ва дастгирии Ҷопон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №28, 72, 53, 54-и шаҳри Душанбе ва дар 4 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Ҳисор барои хонандагони имконияти маҳдуддошта шароити мусоид фароҳам оварда шуд (сохтани пантусҳо дар даромадгоҳи асосии бинои муассисаҳои таълимӣ, шароити санитарию маишӣ бо назар доштани эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб, мувофиқ намудани таҷҳизоти ҳоҷатхонаҳо барои хонандагони дорои иллати такяву ҳаракат, ки бо ёрии дигарон ё бо аробача ҳаракат мекунанд).

Баҳри иҷрои банди 37 нақшаи миллӣ оид ба фароҳам овардани шароит барои таълим гирифтан бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ айни замон дар ҷумҳурӣ 6995 муассисаи таҳсилоти умумии таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ амал менамояд, ки дар он 120635 омӯзгори ихтисосманди соҳибтаҷриба фаъолият менамояд.

Дар соли таҳсили 2017-2018 ба муассисаҳои таълимашон бо забони ғайритоҷикӣ 1475 омӯзгор фиристода шуда, норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои зикргардида бартараф карда шуд.

Дар давоми соли 2017 ва чор моҳи аввали соли 2018 китобҳои дарсии забони давлатӣ барои синфҳои 2–11 муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимоташон бо забони русии ҷумҳурӣ таҳия ва нашр шуда (ҳар як номгӯй 24150 нусха), қисман ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас шуданд.

Китобҳои дарсии забони давлатӣ барои синфҳои 2–11 муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимоташон бо забонҳои ӯзбекӣ, қирғизӣ ва туркмании ҷумҳурӣ низ таҳия, таҳрир, тасҳеҳ, тақриз ва бо қарорҳои шӯрои миллии таҳсилот ва ҷаласаи мушовара тасдиқ шуда, ба озмун (тендер)-и чоп пешниҳод гардиданд.

Инчунин китобҳои дарсии «Она тилӣ» ва «Адабиёт» (муаллиф Э. Назаров) барои хонандагони синфи 11 мактабҳои таълимашон бо забони ӯзбекӣ таҳияву нашр ва дастраси хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳо гардонида шуд. Илова бар ин, дастурҳои методии «Ӯзбек адабиёти ӯқутиш дастури (муаллифон Э. Назаров, Б. Мӯминов, О. Жуманов ва А. Сафаров)», «Диктантлар тӯпламӣ» барои синфҳои 1-4 ва 5-11 ва маводи тестӣ барои синфҳои ибтидоӣ «Бошланғиз синфларда тест (муалифон З. Назаров ва Х. Мусоев)» ва маводи иловагӣ барои дарсҳои адабиёт бо номи «Гулдаста» ба табъ расонида шуданд.

Луғати соҳавии русӣ-тоҷикии калима ва ибораҳои рехта (мураттиб А. Ширинбеков) таҳия карда шуда, баъди гирифтани хулосаи муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм чоп ва то оғози соли таҳсили 2018-2019 дастраси хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гардонида мешавад.